**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.10.2025, №112

Барои сазовор донистани Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №22/шд) аз 15-уми июли соли 2025 бо суратҷаласаи №106 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ 4-уми августи соли 1978 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 1997 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷанд (ҳозира Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ ва 2002 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ соли 2015 дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар луғати «Ғиёс-ул-луғот» Ғиёсуддини Ромпурӣ» рисолаи номзадиашро зери роҳбарии Шокиров Туғрал Сироҷович ҳимоя намудааст.

Аз 20-уми августи соли 2025 то ҳол ба ҳайси мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва таърихи Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.фаъолият кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мушовири илмӣ: Гулназарзода Жило Бурӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ**: **Офаридаев Назрӣ** – доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-методии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе ва **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи забони тоҷикии интитути зикршуда Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон , эксперт – доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи мазкур Абодуллоева Сафина Юсуповна, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмӣ Шарифова Гулчаҳон имзо гардида, бо имзою муҳри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худоӣ пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур бевосита иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 3 монография ва 36 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 28 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос ва саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I. Монографияҳо:**

[1-М]. Кенджазода, М.С. Грамматические особенности простых предложений в языке современной таджикской прозы / М.С. Кенджазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 176 с.

[2-М]. Кенджазода, М.С. Типы простых предложений с точки зрения структуры и цели высказывания в современном таджикском языке / М.С. Кенджазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 200 с.

[3-М]. Кенджазода, М.С. Члены предложения в синтаксической картине современного таджикского языка / М.С. Кенджазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 222 с.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[4-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба мавқеи категорияи шахс дар ташаккули сохтории ҷумла / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 46-49.

[5-М]. Кенҷазода, М.С. Баъзе масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №7. – С. 73-76.

[6-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба сохтори ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 80-83.

[7-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахс / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 71-74.

[8-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои сода (дар мисоли матбуоти даврии тоҷик) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 63-66.

[9-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба таснифоти ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба (дар мисоли насри муосири тоҷик) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 101-106.

[10-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ (дар мисоли насри муосири бадеӣ) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 56-60.

[11-М]. Кенҷазода, М.С. Мубтадо ва роҳҳои ифодаи он дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 91-97.

[12-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи корбурди ҷумлаҳои амрӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 43-47.

[13-М]. Кенҷазода, М.С. Роҳҳои ифодаи хабарҳои номӣ дар забони тоҷикӣ / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 133-137.

[14-М]. Кенҷазода, М.С. Корбурди ҷумлаҳои саволӣ дар насри бадеӣ / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 104-110.

[15-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи ҷумлаҳои чиддааъзо дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 59-66.

[16-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи корбурди пуркунанда ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 39-43.

[17-М]. Кенҷазода, М.С. Аломатҳои грамматикии алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 43-50.

[18-М]. Кенджазода, М.С. Структурные особенности простых предложений в современном таджикском языке / М.С. Кенджазода // Известия Национальной академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – Душанбе, 2022. – №4 (269). – С. 216-220.

[19-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи истифодаи ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8. – С. 75-80.

[20-М]. Кенджазода, М.С. Об особенностях употребления простого вопросительного предложения в публицистическом стиле / М.С. Кенджазода // Вестник Университета языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук. – Душанбе, 2023. – №1 (49). – С. 82-91.

[21-М]. Кенджазода, М.С. О некоторых вопросах исследования простого предложения в таджикском языкознании / М.С. Кенджазода // Известия Национальной академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – Душанбе, 2023. – № 1 (270). – С. 193-199.

[22-М]. Кенджазода, М.С. Влияние зарубежных и русских лингвистических школ на таджикскую лингвистику в изучении односоставных предложений / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 117-122.

[23-М]. Кенджазода, М.С. О структуре и классификации простых предложений в таджикском языке / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского

национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 165-171.
[24-М]. Кенджазода, М.С. О прямом дополнении и способах его выражения в предложении / М.С. Кенджазода // Вестник Университета языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук. – Душанбе, 2023. – №2 (50). – С. 53-60.
[25-М]. Кенджазода, М.С. Некоторые особенности выражения подлежащего в современном таджикском литературном языке / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 114-120.
[26-М]. Кенджазода, М.С. Сказуемое и способы его выражения разными частями речи в таджикском языке (на основе материалов современной прозы) / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 145-151.
[27-М]. Кенджазода, М.С., Касимов, О.Х. Обстоятельство и способы его выражения в простом предложении в современной таджикской прозе / М.С. Кенджазода, О.Х. Касимов // Известия Национальной академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – Душанбе, 2023. – № 3 (272). – С. 150-161.
[28-М]. Кенджазода, М.С. Парадигматические отношения в синтаксисе простых предложений таджикского языка / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №4. – С. 157-163.
[29-М]. Кенджазода, М.С. Синтаксическое поле в строение простых предложений таджикского языка / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №5. – С. 166-172.
[30-М]. Кенджазода, М.С. Простые утвердительные и отрицательные предложения в современном таджикском языке (на примере современной таджикской прозы) / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 127-133.
[31-М]. Кенджазода, М.С. К вопросу изучения односоставных предложений (на примере современной таджикской прозы) / М.С. Кенджазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 140-146.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[32-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои сода (дар мисоли матбуоти даврии тоҷик) / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби

васоити ахбори омма» (Душанбе, 17-18.10.2019). – Душанбе, 2019. – С. 33-39.
[33-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи муайянӣ дар ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахс / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби васоити ахбори омма» (Душанбе, 17-18.10.2019). – Душанбе, 2019. – С. 51-57.
[34-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов (Душанбе, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 215-223.
[35-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов (Душанбе, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 345-352.
[36-М]. Кенҷазода, М.С. Вижагиҳои ҷумлаи содаи яктаркибаи унвонӣ дар забони тоҷикӣ / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Инноватсия дар тиб: аз илм ба амалия» (Душанбе, 01.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 363-365.
[37-М]. Кенҷазода, М.С. Муносибати парадигмативӣ дар синтаксиси ҷумлаҳои сода / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав» бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ (Душанбе, 05.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 46-52.
[38-М]. Кенҷазода, М.С. Ҷумлаи сода ва тартиби аъзоҳои ҷумла дар он / М.С. Кенҷазода // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои услубшиносӣ ва ҳусни баён: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 100-солагии дотсент Х. Ҳусейнов (Душанбе, 29.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 82-91.
[39-М]. Кенҷазода, М.С. Вижагиҳои аъзои пайрави ҷумла дар забони адабии муосири тоҷик / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ» (Душанбе, 28-29.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 95-100.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки муаллиф бо истифода аз маводи муътамади насри муосири тоҷик баррасии амиқи илмии ҷумлаҳои содаро роҳандозӣ карда,

ҷойгоҳ ва вижагиҳои сохторию маъноии онҳоро муайян намудааст. Ба назари муқарриз, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамчунин, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Ба назари мо, зимни баррасии масъалаҳои марбут ба забони адабии меъёр истифодаи нутқи персонажҳо зарур нест, зеро имкон дорад, ки дар онҳо унсурҳои лаҳҷавӣ низ истифода шаванд.

2. Дар саҳифаҳои 8, 9, 11-и автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро афзун мекунад.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** мусбат буда, ба аҳаммияти назарӣ ва амалии кори таҳқиқӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир гардида, дар он эрод ба назар намерасад.

**3. Дар тақризи** доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Муссисаи давлатии таълимиии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Олимҷонов Мусо Обидович** қайд шудааст, ки дар автореферати мавриди тақриз дар радифи дастовардҳо баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва лағзишу ғалатҳо ба назар мерасанд ва ба эътибор гирифтани онхо боиси болоравии хусни кор хоҳад гардид:

1. Хуб мебуд, ки дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ муаллиф афкори олимони дигари ватаниву хориҷӣ, мисли А. Фитрат, С. Собирҷонов, М. Каримова, Ю.А. Рубинчик, А. Ҳумоюнфаррух, М. Шариатро дар мавриди ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои онҳо ба риштаи таҳлилу тадқиқ мегирифт.

2. Дар мавриди сохти хабар диссертант дар ду фикр аст: сохта ва мураккаб (с. 31), сода, таркибӣ ва тафсилӣ (с. 32).

3. Дар қисмати «Хулоса»-и автореферат бандҳои 13 ва 19 ба ҷумлаҳои содаи чидааъзо тааллуқ доранд, аз ин рӯ, муттаҳид намудани онҳо беҳтар менамояд.

4. Дар автореферат гоҳо ғалатҳои услубӣ (с.15; 22), имлоӣ (с.4; 7; 8; 11; 12; 18; 31; 34), китобат (с. 12; 14; 30) ва техникӣ (с. 13; 25; 35) ба мушоҳида расиданд.

**4. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Низомӣ Санавбар Фахрӣ** мусбат буда, дар баробари баҳодиҳӣ ва зикри дастовардҳои назарраси диссертант эродҳои зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар автореферати диссертатсия гуногуннависии ному насаби муҳаққиқон ва таълифоти онҳо ба назар расид, аз ҷумла асари С. Ализода бо ду шакл зикр шудааст: «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (саҳ. 4, 5) ва «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (саҳ.13).

2. Дар саҳифаҳои гуногуни гунаи русии автореферат (саҳ. 9, 16, 18, 22) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- дараҷаи омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ ва вижагиҳои сохторию грамматикии ҷумлаҳои сода дар насри бадеии адабиёти муосир **муайян карда шудааст;**
- ифодаи сарфии аъзоҳои ҷумла ва вазифаи наҳвии онҳо дар ҷумлаҳои сода **таъин карда шудааст**;
- мавқеи аъзоҳои чида ва вазифаи наҳвии воҳидҳои фразеологӣ дар таркиби ҷумлаҳои сода **ошкор ва муайян карда шудааст**;
- роҳҳои ифодаи хабарҳои феълию номӣ ва нақши муайянкунанда дар нутқи тасвирии муаллифи адабиёти бадеӣ **муқаррар карда шудааст;**
- мавқеъ ва нақши ҳол дар ташкили ҷумлаҳои сода, дараҷаи корбурди навъҳои ҳол дар ташакули ҷумлаҳои сода ва мавқеи ҷумлаҳои саволии риторикӣ дар нутқи персонажҳо **таъин карда шудааст**;
- **муайян карда шудааст**, ки пажуҳиши усулҳои дақиқсозии сохти ҷумла ва таснифи ҷумлаҳои сода аз афкори назарии забоншиносони рус маншаъ мегирад ва асоси ҷумларо категорияҳои сегонаи шахс, замон ва модалият ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, барои ташаккули ҷумла предикативият муҳим мебошад;
- **асоснок карда шудааст,** ки таҳқиқи ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ аз ҷанбаи назарӣ ва амалӣ дар заминаи насри муосир ҳолати воқеии рушду такомули онҳоро муайян менамояд. Дар асоси ҳамин назария таснифоти ҷумлаҳои сода дар заминаи равиши интиқодӣ ба таълимоти дастурӣ анҷом шудааст.
- **собит карда шудааст,** ки махсусияти маъноӣ ва сохтории ҷумлаҳои сода дар насри бадеӣ ошкор мегарданд. Ин усули асосии нишондиҳандаи таҳаввули сохтории ҷумлаҳои сода буда, маҳз адабиёти бадеӣ хусусиятҳои ҷумлаҳои содаро ҳамаҷониба муайян мекунад.
- дар асоси маводи гирдоваришуда вижагиҳо, умумият ва фарқи ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати сохтор ва ифодаи мақсад **ошкор карда шудааст**.
- **муайян карда шудааст**, ки насри бадеии муосири тоҷикӣ ҷанбаи сохтории ҷумлаҳои содаро ифода намуда, омӯзиши он имкон фароҳам меорад, ки навъҳои ҷумлаҳои сода пурра муайян карда шаванд.
- хусусиятҳои гуногуни аъзоҳои ҷумла, роҳҳо ва воситаҳои ифодаи онҳо дар ҳиссаҳои гуногуни нутқ **таҳқиқ шудааст**.
- дар асоси ошкор намудани тобишҳои маъноии баъзе аъзоҳои ҷумла гурӯҳҳои семантикии онҳо **муайян карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқи дар он зоҳир мешавад, ки** натиҷаҳои таҳқиқи мазкур дар пажуҳиши баъдии масъалаҳои марбути муносибатҳои

маъноию грамматикӣ дар ҷумлаҳои сода, таҳаввул ва раванди рушди минбаъдаи ҷумлаҳои сода, таълими фанни забони адабии тоҷикӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ, таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони хориҷӣ, масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқу таълими услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки маводи таҳлилии пажуҳишро барои гузаронидани дарсҳои амалии грамматикаи забони тоҷикӣ дар факултетҳои филология васеъ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, маводи рисола метавонад, ки дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим, курсу семинарҳои махсуси грамматикаи забони тоҷикӣ, бахусус бахши наҳвӣ он васеъ истифода шавад. Маводи рисола дар тартиб додани дастуру воситаҳои таълимию методӣ оид ба ҷумлаи сода дар забони адабии муоисири тоҷик муфид буда метавонад.

Таҳқиқи мавриди назар, пеш аз ҳама, ба таъини истифодаи ҷумлаҳои сода дар насри муосири тоҷик, роҳҳои ифодаи сараъзоҳо ва аъзои пайрав, нақши воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар сохтани ҷумлаҳои сода, ҳамчунин таснифоти ҷумлаҳои сода мусоидат хоҳад кард.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияро зимни навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ аз фанни наҳви забони тоҷикӣ метавон истифода кард. Маводи диссертастия ва мақолаҳои интишорнамудаи диссертант барои истифода дар дарсҳои назарӣ ва амалӣ аз фанни синтаксис мувофиқанд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии бадастомадаро барои таҳияи барномаи таълим аз фанни наҳви забони тоҷикӣ, китобҳои дарсии марбут сохтори наҳвии ҷумла имкон дорад истифода гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, наҳвшиносон ва сарчашмаҳои таърихӣ дар сатҳи зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ, таснифи ҷумлаҳои сода аз лиҳози сохтор ва маънову оҳанг, коркарди маводи пажуҳиш, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо мушовири илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад. Таҳқиқ бевосита аз ҷониби довталаб анҷом шуда, он дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва дорои мубрамияти хос мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқ ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, муайян намудани дараҷаи омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ, омӯзиши таснифоти ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик, ошкор намудани

хусусиятҳои сохторию грамматикии ҷумлаҳои сода дар насри бадеии муосири тоҷик, муайян намудани ифодаи сарфии аъзоҳои ҷумлаи сода, мавқеи аъзоҳои чида дар ҷумлаҳои сода, вазифаи наҳвии воҳидҳои фразеологӣ дар ҷумлаи сода, мавқеи ҷумлаҳои саволии риторикӣ дар нутқи персонажҳо ба даст омадааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифодаи равиши илмӣ дар баррасӣ ва таҳқиқи ҷумлаҳои сода, муайян намудани ҷойгоҳи ин навъи ҷумлаҳои сода ва аъзои он, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми октябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025, №207/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар овоздиҳии пинҳонӣ 13 нафар доктори илм иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Исмонов К.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

29.10.2025.